**АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

аз «18» апреля соли 2024 № 92 шаҳри Душанбе

Дар бораи ташкили курсҳои омӯзиши забонҳои
русӣ ва англисӣ дар Агентии хизмати давлатӣ

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи забондонии кормандони Агентии хизмати давлатӣ ва иҷрои талаботи банди 1 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2024, №795 «Дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ» мувофиқи моддаҳои 120, 122 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва банди 12 Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тағйиру иловаҳо аз 13 майи соли 2022, №384), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2014, №179 тасдиқ карда шудааст, Ф А Р М О Н  М Е Д И Ҳ А М:

1.Барои кормандони дастгоҳи марказии Агентии хизмати давлатӣ ва шуъбаи Агентии хизмати давлатӣ дар шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ курсҳои омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ оғоз аз моҳи апрели соли 2024 ташкил карда шаванд.

2.Ҳайати гурӯҳҳои омӯзишии курсҳои мазкур барои тасдиқ ба директори Агентии хизмати давлатӣ пешниҳод карда шаванд.

3.Машғулиятҳо ҳар ҳафта рӯзҳои душанбе ва чоршанбе барои омӯзиши забони англисӣ, рӯзҳои сешанбе ва панҷшанбе барои омӯзиши забони рӯсӣ аз соати $13^{00}$ то $16^{00}$ (давомнокии ҳар як машғулият 50 дақиқа) ташкил карда шавад.

4.Омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои кормандони дигар сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатӣ дар якҷоягӣ бо кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ҷойи ҷойгиршавӣ ташкил карда шавад.

5.Шуъбаи молия ва муҳосиботи Агентии хизмати давлатӣ тибқи тартиби муқаррааргардида хароҷоти хизматрасонии таълимиро пардохт намояд.

6.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба муовини директори Агентии хизмати давлатӣ ва назорати рафти баргузории машғулиятҳо ба сардори шуъбаи кадрҳо, коргузорӣ ва назорат супорида шавад.

Директори Агентӣ Давлатов Ҷ.М.